# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Муассисаи давлатии “Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон” ба нақша гирифтааст, ки санаи 15 октябри соли 2026 конференсияи байналмилалии илмӣ-амалиро дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ ва идоракунии сайёҳӣ: ҳамкории фаромарзӣ ва ҳифзи мероси фарҳангӣ»-ро дар доираи Форуми байналмилалии “Сайёҳии устувор ва мероси фарҳангӣ” (ДБССТ, 13-17 октябри соли 2026) баргузор намояд.

Барои иштирок дар конференсия намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбӣ, созмонҳои байналмилалӣ, инчунин олимон, коршиносон ва муҳаққиқон даъват карда мешаванд.

Дар доираи конференсия муҳокимаи масъалаҳои зерин ба нақша гирифта шудааст:

1. Асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии танзими соҳаи сайёҳӣ дар шароити муосир.
2. Сиёсати давлатӣ ва механизмҳои идоракунии рушди устувори сайёҳӣ.
3. Такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалӣ.
4. Ҳамкории фаромарзӣ дар соҳаи сайёҳӣ: заминаҳои ҳуқуқӣ, мушкилот ва дурнамои рушд.
5. Танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ ва рушди хатсайрҳои фаромарзӣ.
6. Ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои сайёҳон дар қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ.
7. Танзими ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ.
8. Механизмҳои ҳуқуқии ҳифз, истифода ва муаррифии мероси таърихию фарҳангӣ дар фаъолияти сайёҳӣ.
9. Нақши ЮНЕСКО ва дигар созмонҳои байналмилалӣ дар ҳифзи мероси фарҳангӣ ва рушди сайёҳии устувор.
10. Ҳифзи мероси фарҳангии моддӣ ва ғайримоддӣ ҳамчун омили рушди сайёҳӣ.
11. Рақамикунонӣ ва технологияҳои зеҳни сунъӣ дар идоракунӣ ва танзими ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ.
12. Амнияти сайёҳӣ ва масъалаҳои ҳуқуқии пешгирии хавфҳо дар хатсайрҳои байналмилалӣ ва фаромарзӣ.
13. Таҷрибаи давлатҳои Осиёи Марказӣ дар танзими ҳуқуқӣ ва идоракунии сайёҳии фаромарзӣ.
14. Масъалаҳои ҳуқуқии ҳифз ва истифодаи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Маводи конференсия ба шакли маҷмӯаи мақолаҳо нашр гардида, дар китобхонаи электронии eLIBRARY.RU ҷой дода мешавад.

Барои иштирок дар конференсия, иштирокчиён бояд то 05 октябри соли 2026 дархост барои иштирок дар конференсия ва матни электронии мақолаи илмии худро тибқи талаботи муқаррагардида ба почтаи электронии: m.umrillo@gmail.com ирсол намоянд.

**Забонҳои корӣ** - тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.

**Ҷойи баргузорӣ:** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Шакли баргузорӣ** - ҳузурӣ ва фосилавӣ.

Ҳамаи хароҷоти вобаста ба будубош, аз ҷумла ҷойгиронӣ, нақлиёти маҳаллӣ ва чорабиниҳои ташкилии марбут ба конференсия, аз ҷониби муассисаи қабулкунанда

(Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон) пурра пардохт карда мешаванд, ба истисноИ хароҷоти вобаста ба парвозҳои байналмилалӣ.

**Тамос:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5
**Тел.:** (+992) 901041904; (+992) 100400879
**Шахси масъул:** Шерализод Самиаллоҳ, Меликов Умрилло Асадуллоевич

## ТАЛАБОТИ ТАҲИЯИ МАВОД:

Матнҳои маърӯзаҳо бояд ба шакли мақола дар ҳаҷми на зиёда аз 10 саҳифа ба почтаи электронии m.umrillo@gmail.com ирсол ё ба Кумитаи тадорукот дар шакли электронии Word (*.docx) пешниҳод карда шаванд. Ҳошияҳо: 2 см аз ҳама тараф; ҳуруф: Times New Roman; андоза: 14; фосилаи байни сатрҳо: 1,5 см; танзими матн: мувофиқ ба паҳнои саҳифа бе интиқоли калимаҳо ба сатри дигар; Фосилаи сарсатр: 1,25 см. Дар гӯшаи болоии тарафи рост ҳарфҳои аввали ном ва насаби муаллиф, ҷойи кор, вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ, рақами телефон ва почтаи электронии муаллиф зикр карда мешаванд. Сарлавҳаи мақола ва тарҷумаи он ба забони англисӣ бо ҳарфҳои калон дар маркази саҳифа навишта мешавад. Пеш аз матни асосӣ аннотатсия (то 500 аломат) ва калимаҳои калидӣ (5-6 калима) бо тарҷумаи англисӣ ҷойгир карда мешаванд. Рӯйхати адабиёти истифодашуда тибқи талаботи стандарти ГОСТ Р 7.07-2009 тартиб дода мешавад. Истинодҳо дар матн дар қавсҳои мураббаъ [15, с.248] ишора карда мешаванд. Истифодаи истинодҳо дар шакли поварақ иҷозат дода намешавад. Тасвирҳо ва ҷадвалҳо бояд унвон дошта бошанд, ки онҳо зери тасвир ё болои ҷадвал ҷойгир карда мешаванд; тасвирҳо бояд мувофиқи паҳнои матн бо формати *jpg таҳия шаванд. Рӯйхати адабиёт ба таври дастӣ рақамгузорӣ карда мешавад.

ТАЛАБОТ БА МАТНИ МАҚОЛА

**СУД: XX (XXX.X)**
**Ному насаби муаллиф**
**Ҷойи кор, вазифа,**
**Дараҷа ва унвони илмӣ**
**Тел.: (XXX) XXX-XX-XX**
**E-mail:** example@email.com

НОМИ МАҚОЛА

**Аннотатсия:** Дар мақолаи мазкур баррасӣ мешавад... (то 500 аломат).

**Калидвожаҳо:** ...

Муқаддима
Муҳимияти мавзӯъ, масъалагузорӣ, ҳадафи таҳқиқот ва вазифаҳо.

Қисмати асосӣ
Матни қисми асосӣ. Таҳлили назариявӣ, тавсифи методологияи таҳқиқот, натиҷаҳо ва муҳокимаи онҳо. Дар матни мақола истинодҳо дар қавсҳои квадратӣ ишора карда мешаванд, масалан: [15, с. 248].

Қисми 1. Ҷанбаҳои назариявӣ

Шарҳи нуқтаҳои назариявии асосӣ, таърифҳо, баррасии адабиёт.

Қисми 2. Қисмати амалӣ

Шарҳи таҳқиқот, методология ва натиҷаҳо.

Хулоса

Хулосаҳои умумӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада, аҳамияти онҳо ва дурнамои таҳқиқоти минбаъда.

Адабиёт

1. Муаллиф А.А. Номи китоб. – М.: Нашриёт, 2020. – 250 с.